# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 –Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ).**

Таҳқиқи диссертатсионии унвонҷӯ Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна дар мавзуи «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» аз ҷумлаи таҳқиқотест, ки дар он ба таври илмӣ ва хеле густурда роҷеъ ба ҳавзаи адабии Хуҷанд изҳори назар гардидааст. Ҳарчанд то кунун якчанд тазкираҳои ҷудогона аз ҷониби адабиётшиносони маъруф, аз ҷумла Эргашалӣ Шодиев, Абдулманнони Насриддин таҳия ва нашр гардидааст, аммо пажуҳиши мустақилона ва ба таври мукаммал роҷеъ ба марҳилаи муҳими таърихии ҳавзаи адабии Хуҷанд дар давраи мавриди назар ба анҷом нарасидааст.

Аз ин рӯ, ба андешаи мо, таҳқиқоти мазкур як таҳқиқоти баанҷомрасидае мебошад, ки он дар муаррифиву шинохти ҳавзаи адабии Хуҷанд ва ҷойгоҳи он дар адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX мусоидат хоҳад намуд.

Мақсади асосии таҳқиқоти мазкур муайян намудани ҷойгоҳи шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд ва вижагиҳои ашъори онҳо мебошад ва метавон гуфт, ки он бо моҳияту аҳаммияти илмию амалии худ дар пажуҳиши масоили адабиётшиносии давраи мавриди назар аз тозагиҳои махсус бархӯрдор аст.

Рисолаи мазкур аз муқаддима, се боб, ёздаҳ фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар бобу фаслҳои рисола масъалаҳои фаровоне, чун вазъи адабӣ, ҷараёни адабиёти дузабона, мақоми бонувони суханвар, жанрҳои хурду бузург ва осори насрӣ, поэтикаи ашъори суханварон, пайравӣ ва татаббуъ, назирагӯйӣ, истиқбол аз сабки Ҳофиз, ҳамчунин пайравӣ аз шеваи баён ва сабку услуби Бедил, зуҳури шеъри нав ва корбурди саноеи бадеӣ бо овардани санаду далелҳо ва намунаҳои шеърӣ аз осори суханварони мавриди давраи назар баррасӣ гардидаанд.

Дар ҷараёни таҳқиқот унвонҷӯ бо истифода аз хазинаи мероси хаттии китобхонаҳои ватаниву хориҷӣ дар бораи мавҷудияти нусхаҳои хаттии ашъори баъзе аз шоироне низ иттилоъ пайдо намудааст, ки онҳо то кунун ба таври мукаммал муаррифӣ ва таҳқиқ нашудаанд. Ин шеваи таҳқиқ имконият фароҳам меоварад, ки дар оянда мероси шоирони ношинохтаи ҳавзаи адабии Хуҷанд бештару пештар муаррифӣ шаванд.

Рисолаи Ҳомидова Шамсия аз нигоҳи нақду таҳлил, шеваи омӯзиш, забон ва навовариҳо арзиши баланди илмӣ дорад, ки онҳоро метавон дар нуктаҳои зерин баён кард:

1.Рисола бо сабки хуби илмӣ навишта шуда, огоҳии муаллифро аз забон ва услуби таҳқиқ нишон медиҳад.

2. Дар рисола аз нусхаҳои хаттии девони шоирони мавриди таҳқиқ намунаҳо оварда шуда, баъзан шакли дурусти он нишон дода шудааст.

3.Рисола бо фарогирии таҳқиқоти хоса дар масоили муаррифӣ ва шинохти шуарои камомӯхта ва ҳанӯз муаррифанашудаи Хуҷанд тиҳигоҳеро дар адабиётшиносии тоҷик пур менамояд.

Дар баробари дастовардҳои мазкур дар автореферати диссертатсия баъзе норасоиҳо низ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати муаллиф ва худи кор мебошад:

1.Муаллифи диссертатсия навгониҳои зиёдеро дар муқаддимаи кори хеш зикр намудааст. Аммо, ба андешаи мо, хуб мешуд, ки онҳоро дар муқаддима тавассути рақамгузорӣ мушаххасан зикр менамуд.

2.Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоиву техникӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст.

Камбудиҳои зикргардида ба муҳтавои умумии автореферати рисола халал ворид намекунад ва ислоҳпазиранд.

Дар умум, метавон ба чунин хулоса омад, ки рисолаи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна дар мавзуи «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» ба меъёрҳои марбут ба таълифи рисолаи илмӣ мутобиқат дошта, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ) мебошад.

Доктори илмҳои филология,
мушовири вазири маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон Алидод Расулзода

Имзои Расулзода А.Б.- ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳикматулло Саидзода